# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон» ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 049 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои дарёфти унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.10 - зоотехнияи хусусӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон занбӯриасалпарварӣ яке аз ҷузъҳои маданияти миллӣ ба ҳисоб рафта таърихи куҳан дорад. Дар шароити Тоҷикистон базаи мустаҳками хурокаи дастрас барои пешрафти соҳаи занбӯриасалпарварӣ мавҷуд мебошад. Айни замон масоҳати майдонҳои растаниҳои кишоварзии шаҳддиҳанда 5 млн гектарро ташкил медиҳанд, ки барои аз 30 то 40 ҳазор тонна асал гирифтан дар як сол мусоидат мекунад. Таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда собит месозанд,ки пешрафти занбӯриасалпарварӣ аз таъсири якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Қисман таъсири омилҳои экологию биологиро ба рушд ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал ба инобат гирифтан лозим аст. Маълумотҳои зиёди илман асосонок оид ба таъсири ин омилҳои муҳим ба соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар кишварҳои ҳамсоя мавҷуд буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар муайян кардани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухумгӯзории модарзанбӯр, муайян кардани инкишофи баҳорӣ, шароити зимистонгӯзаронӣ, фаъолияти занбӯрҳои корӣ дар тобистон, хусусиятҳои физиологии занбӯр ва хоҷагидории оилаҳои занбӯри асал инъикос ёфтаанд.

Унвонҷӯй муайян кардааст, ки фаъолияти занбӯри асал дар фасли тобистон дар ҳолати шаҳдҷудокунии асосӣ низ баланд мебошад. Агар дар вақти мувақатии кам будани ҷудокунии шаҳд дар растаниҳо як занбӯри асал дар як рӯз аз 3 то 5 маротиба парвоз карда шаҳд биёрад, онгоҳ ҳангоми шаҳдҷудокунии асосӣ 5 – 7 маротиба парвоз мекунад.

Коркардҳои пешниҳодшуда дар ҳалли масъалаи ташаккул додани назария ва амалияи таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгӯзории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал накши муҳим доранд. Хулосаҳои пешниҳодшуда дуруст буда аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳо бармеоянд.

Дар маҷмуъ аз натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии дар автореферат овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, кори диссертатсионии

Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбур ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯриасал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон» ба талаботҳои Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 049 назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №505 аз 26.11.2016 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, унвонҷу бошад барои гирифтани унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисосӣ 06.02.10 - зоотехнияи хусусӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ сазовор мебошад.

Раиси Маркази илмии Хатлони
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои биологӣ Бобоев М. Т.

28.12.2021

735360, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Гулбоғ-1,
Тел.:+ (992) 918 89 84 10;
E-mail: b_mario@mail.ru

Имзои доктори илмҳои биологӣ Бобоев М.Т. – ро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо Ғафуров Д.Ҷ.